**Шакли № 4 - М, нимсола - солона.**
**Ҳисобот дар бораи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ».**
**1.Муқаррароти умумӣ.**

1. Маълумот аз рӯи шакли № 4 - М «**Маълумот дар бораи фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ**» - ро ҳамаи ташкилотҳои суғуртавӣ (суғуртакунӣ) сарфи назар аз шакли моликият ва тобеъият аз ҷумла аз нав суғуртакунандаҳое, ки ашхоси ҳуқуқӣ мебошанд барои ба амал баровардани фаъолияти суғуртавӣ иҷозатнома (литсензия) гирифтаанд, пешниҳод менамоянд.

Ташкилоти суғуртавии, ки танҳо амалиёти азнавсуғуртакуниро иҷро менамояд, дар фасли 1 сатрҳои 001 - 012, дар фасли 2 фасли 4 фасли 5 сатрҳои 400 - 405, 410 - 429 - ро пур мекунанд.

Шакл дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва оморӣ пур карда мешавад. Ташкилотҳои суғуртавӣ, ки дар ҳайати худ қисматҳои махсусгардонидашуда (филиалҳо) доранд, ҳисоботро бо назардошти ҳамаи филиалҳои ба вай дохил шуда, новобаста аз маҳалли ҷойгирифтаашон пешниҳод менамоянд.

2. Маълумотҳои гирифташуда танҳо барои ташаккулдодани иттилооти ҷамъбастии оморӣ хизмат мекунад. Онҳо барои мақсадҳои андозбандӣ ва барои пешниҳод ба дигар ташкилотҳо истифода шуда наметавонанд.

3. Дар сатри «Номи ташкилоти ҳисобдиҳанда» номи пурраи ташкилоти суғуртавии ҳисоботдиҳанда, ки бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ қабул карда шудааст, нишон дода мешавад. Дар охири номи пурра дар қавсайн номи мухтасар оварда мешавад.

4. Дар сатри «Суроғаи пуштаи» суроғаи ташкилот бо индекси пушта нишон дода мешавад.

5. Ташкилоти ҳисобдиҳанда дар қисмати суроғаи шакл, рамзҳоро мувофиқи таснифоти (классификаторҳои) амалкунанда мегузорад. Дар сутуни 8 қисмати рамзи ташкилоти суғурташавӣ, ки дар давраи ҳисобот танҳо суғуртакунии мустақимро ба амал мебарорад, рамзи 01 мегузорад, суғуртакунии мустақим ва азнав суғурта кардан - 02, танҳо аз нав суғурта кардан - 03 - ро мегузорад.

6. Дар сатри рақами мушаххаси андозсупоранда рақам мувофиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

7. Дар сатри «№ иҷозатнома барои ҳуқуқи анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ» рақами иҷозатномаи амалкунанда барои анҷом додани фаъолияти суғуртавӣ нишон дода мешавад. Дар ҳолате, ки агар ташкилоти суғуртавӣ барои анҷом додани амалиёти суғуртакунӣ иҷозатнома дошта бошад, аз рӯи намудҳои суғуртакунии ҳатмӣ, ихтиёрӣ дар он сурат рақам ҳар ду иҷозатнома (аввал аз рӯи намудҳои ҳатмӣ, баъд аз рӯи намудҳои ихтиёрӣ) нишон медиҳад.

8. Дар сатри «Санаи додани иҷозатнома» рӯз, моҳ, соли додани иҷозатномаи нишондодашуда нишон медиҳанд.

9. Дар сатри «Рақами бақайдгирии реестри ягонаи давлатии суғуртакунандаҳо ва иттиҳодияҳои суғуртакунанда» рақами бақайдгирии ташкилоти суғуртавӣ реестри ягонаи давлатӣ, ки дар варақаи иҷозатномаи (литсензияи) амалкунанда нишон додашудааст инъикос карда мешавад.

**2. Тартиби пур кардани нишондиҳандаҳо дар**
**шакли № 4 - М,**
**фасли 1. Тавсифоти ташкилоти суғуртавӣ**

10. Нишондиҳандаҳо дар сатрҳои аз 001 то 015 дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ба қайдгирандаи ҳисоби аввалия пур карда мешаванд.

11. Дар сатри 001 маблағи сармояи оинномавӣ, ки дар хуҷҷатҳои бақайдгирифташудаи таъсисотӣ ҳамчун ҳиссаи умумии (ҳиссаҳо, саҳмияҳо аз рӯи арзиши номиналӣ, пайҳои ҳаққи узвият) муассисони (ширкаткунандаҳо)

ташкилотҳои суғуртавӣ, аз он ҷумла дар сатрҳои 002 - 010 - маблағи ҳиссаи ҳар кадом муассис (иштироккунанда) оварда мешавад.

12.Дар сатри 011 шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ аз он ҷумла дар сатри 012 шумораи филиалҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон қарор доранд, нишон дода мешавад.

13. Дар сатри 013 миқдори қарордодҳои суғуртакунӣ, ки то охири давраи ҳисобот амал карданд, оварда мешавад, маълумотҳо бо тарҳи миқдори қарордодҳои қатъ шуда дар давраи ҳисобот пешниҳод карда мешаванд.

14. Дар сатрҳои 014 ва 015 миқдори қарордодҳои дар давраи ҳисобот амалкунанда аз рӯи категорияҳои суғурташавандаҳо – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тақсим карда мешавад.

15.Маълумотҳои сатри 013 ба ҷамъи маълумотҳои сатрҳои 014 ва 015 баробаранд.

**Фасли 2. Шумораи агентҳои суғуртавӣ ва подошҳои комиссионӣ**

16. Маълумотҳои сатрҳои 101 – 103 аз рӯи методологияи барои пур кардани нишондиҳандаҳои монанд қабул карда шудааст, ҳисобу китоб карда мешаванд.

17. Дар сатри 102 шумораи миёнаи агентҳои суғуртавӣ, ки корҳоро мувофиқи қарордодҳои хусусияти шаҳрванди ҳуқуқидошта иҷро менамояд, сарфи назар аз ҳисоби ин шахс ҳамчун воҳиди бутун дар давоми тамоми давраи амали қарордодҳо оварда мешавад. Шумораи агентҳои суғуртавӣ, ки аз рӯи қарордод кор мекунанд, ба ҳисоби миёна барои давра бо роҳи ҷамъбасткунии шумораи миёнаи агентҳо барои тамоми моҳҳо ба тақсими натиҷаи ҳосилшуда дар санаи моҳи давраи ҳисобот ҳисобу китоб карда мешавад.

18. Дар сатри 103 шумораи миёнаи агентҳои суғуртавӣ, ки аз рӯи дуҷоякорӣ кор мекунанду аз рӯи вақти амалӣ кор карда шуда баробар ҳисоб карда шудаанд, оварда мешаванд.

19. Дар сатри 104 маблағи подоше, ки ба агентҳои суғуртавӣ ҳисоб карда шудаанд, мувофиқи ҳуҷҷатҳои пардохт оварда мешавад.

**Фасли 3. Нишондиҳандаҳои асосии кори ташкилотҳои суғуртавӣ.**

20. Нишондиҳандаҳои фасл аз тарафи ташкилотҳои суғуртавӣ мувофиқи қарордодҳои суғуртавӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ пур карда мешавад.

- дар сутуни 3 маблағи пардохтҳои (мукофотҳои) суғуртавӣ аз рӯи қарордодҳои суғуртакунӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ, ки мувофиқи тартиботи муқаррар кардаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шудаанд оварда мешаванд;
- дар сутуни 4 маблағи пардохти суғуртавӣ суғурташавандаҳои (суғурташудаҳо, манфиятёбандҳо) аз ҷумла назари баргардонидашудаи суғуртавӣ ва таъмини маблағе, ки ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ шудани қарордодҳои суғуртакуни ба суғурташудаҳо пардохта шудаанд, нишон дода мешавад;
- дар сутуни 5 миқдори қарордодҳои дар давраи ҳисобот бо суғурташавандаҳо имзошуда;
- дар сутуни 6 маблағи суғуртавӣ, ки аз рӯи қарордодҳои суғуртавӣ ҳосил шудааст, оварда мешавад.

21. Дар сатрҳои 202 ва 203 маълумот дар бораи амалиётҳои суғуртавӣ, ки ба ғайринамояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳо, ташкилотҳо, шахсони воқеъи мамлакатҳои дахлдор ИДМ ва мамлакатҳои ғайри ИДМ ва Балтика сурат гирифтанд, нишон дода мешавад. Маблағи маълумотҳои сатрҳои 202 ва 203 бо маълумотҳои сатри 201 кам ё баробаранд.

22. Таносуби сатрҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст: маълумотҳои сатри 201 ба ҷамъи маълумотҳои сатри 204 ва 224 баробаранд; маълумотҳои сатри 204 ба ҷамъи маблағи маълумотҳои сатрҳои 205, 210 ва 220; маълумотҳои сатри 224 ба ҷамъи маблағи маълумотҳои сатри аз 225 то 232 баробаранд.

23.Дар сатри 205 маълумотҳо аз рӯи қарордодҳои суғуртакунии шахсӣ, аз он ҷумла аз рӯи қарордодҳои суғуртавӣ аз ҳодисаҳои нохуш ва беморӣ (сатри 207), суғуртакунии ихтиёрии тиббӣ (сатри 208) оварда мешаванд; бузургии пардохти суғуртавӣ (мукофотҳо) аз рӯи қарордодҳои омехтаи суғуртакунии ҳаёт, ки ба дигар суғуртакуни, нисбат ба суғуртакунии ҳаёт таалуқ доранд, мувофиқи пардохти холис, ки дар таърифаи сохтории суғурта пешбинӣ шудаанд, ҳангоми руҳ додани ҳодисаҳои нохушӣ ва беморӣ (қисми тавакали таърифаи суғурта) ва қисми ба вайҳо дахлдоштаи пардохти суғуртавӣ оварда мешавад. Маълумотҳои сатри 205 ба ҷамъи маблағи маълумотҳои сатрҳои 206, 207, 208, 209 баробаранд.

24. Дар сатри 206 маълумотҳо аз рӯи қарордодҳои суғуртаи ҳаёт нишон дода мешавад.

Ба қарордодҳои суғуртакунии ҳаёт қарордодҳои таалуқ доранд, ки пардохти маблағи пурраи суғуртавӣ ба суғурташудаҳо (суғурта кардашуда) дар мавриди зинда мондани онҳо то охири муҳлати дар қарордоди суғуртакуни ё сину сол ё дар мавриди фавти онҳо дар давраи амали қарордод инчунин қарордодҳое, ки шароитҳои суғуртакунии онҳо давра ба давра пардохтани маблағ (суғуртакунии нафақа суғуртакунии бо шартҳои пардохти рӯнтаҳо пешбинӣ шудаанд).

25. Дар сатри 210 маълумотҳои аз рӯи қарордодҳои суғуртаи молу мулк; нишондодҳои сатри 210 ба ҷамъи маълумотҳои маблағи сатрҳои 211, 215, 219 баробаранд оварда мешаванд. Аз сатри 210 то сатри 211 маълумотҳоро дар бораи суғуртакунии молу мулки шаҳрвандон (биноҳо, васоити нақлиёт, барҳол, амволи хона, чорвои хоҷагиҳои шаҳрвандон ва дигар намудҳои молу мулк), ки ба шаҳрвандон ҳамчун ҳуқуқи моликияти шахсӣ – хусусӣ таалуқ доранд, чӣ аз ҳисоби маблағи худӣ, чӣ аз ҳисоби субъектҳои хоҷагидор (шахсони ҳуқуқӣ) вобаста мебошанд; маълумотҳои сатри 211 ба ҷамъбасти маблағи маълумотҳои сатрҳои 212, 213 ва 214 баробаранд.

26. Дар сатри 215 маълумотҳо дар бораи суғуртакунии молу мулки субъектҳои хоҷагидорӣ инъикос карда мешавад, ки дар худ суғуртакунии васоити нақлиёт, борҳо, дастгоҳу таҷҳизот, молу ашё ва маводи арзишнок, биноҳо ва дигар намудҳои амволи ба шахсони ҳуқуқӣ дахлдоштаро дар бар мегирад; маълумотҳои сатр ба ҷамъи маблағи маълумотҳои сатрҳои 216, 217 ва 218 баробаранд.

27. Дар сатри 219 маълумотҳо дар бораи суғуртакунии тавакалҳои молиявӣ ки маҷмуи намудҳои суғуртакуниро дар бар мегирад дар ӯҳдадориҳои суғуртакунанда оид ба пардохтҳои суғуртавӣ ба андозавӣ пурра ё ҷуброн кардани қисми даромади талафшудаи (хароҷоти иловагӣ) ашхос, дар бораи суғуртакуние, ки қарордод имзо шудааст (яъне шахси суғурташаванда) – у ба боз истодани истеҳсолот ё кам кардани ҳаҷми истеҳсолот дар натиҷаи ҳодисаҳои пешгуи шуда вобастаанд; талафоти корҳо (барои ашхоси воқеъи) наҷодӣ; хароҷоти пешбинишуда, иҷро накардани (ки бояд иҷро шаванд) ӯҳдадориҳои қарордодҳои агентҳои назоратии ашхоси суғуртакунанда, ки мутобиқи санади қарордод кредитор мебошад; ба шахси суғурташуда (зарари молиявӣ) хароҷоти суди (масраф карда шудааст) ва ғайра пешбинишуда ва ба назар гирифташуда оварда мешаванд.

Дар сатри 219 маълумотҳо дар бораи суғуртакунии пасандозҳои шахрвандоне, ки чи аз ҳисоби васоити хусусии онҳо чи аз ҳисоби васоити субъектҳои хоҷагидор (ашхоси ҳуқуқи) суғурта карда шудаанд инъикос карда мешаванд.

28. Дар сатри 220 маълумотҳо дар бораи ҳамаи намудҳои масъулияти суғуртавӣ бо ҷудо намудан аз вай маълумотҳои суғуртакунӣ масъулиятнок барои иҷро кардани ӯҳдадориҳои (сатри 221); аз вай ҷудо намудани қарздорон барои адо накардани қарзҳо (сатри 222) ба дигар намудҳои масъулиятҳои суғуртавӣ (сатри 223) нишон дода мешаванд. Маълумотҳои сатри 222 ба маблағи маълумотҳои маблағи сатри 221 ва 223 баробаранд.

29. Дар сатри 224 маълумотҳо дар бораи қарордодҳои ҳатми суғуртабанди оварда мешаванд, нишондиҳандаҳои сатри 224 бояд ба маблағи маълумотҳои сатри 225 ва 232 баробар бошанд.

30. Дар сутуни 5 – и сатри 225 (аз рӯи суғуртакунии ҳатмии амвол дар хоҷагиҳои шаҳрвандон) миқдори қарордодҳое, ки ба ашхоси воқеъӣ; дар сатри 226 (амволи корхонаҳои кишоварзӣ) , ки оид ба суғуртакунии ҳатмӣ бо корхонаҳои кишоварзӣ қарордодҳо имзо шудаанд, оварда мешаванд; дар сатри 227 (оид ба суғуртабандии ҳатмии мусофирон) миқдори қарордодҳое, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бо боркашонон қарордод имзо карданд, оварда мешаванд; сатри 228 (суғуртабандии ҳатмии ногаҳонии – й); дар сатри 229 (хизматчиёни давлатӣ ва дигар намудҳои суғуртабандӣ ҳатмии давлатӣ); дар сатри 230 (аз рӯи суғуртабандии ҳатмии тиббӣ) – миқдори қарордодҳои ҳатмии тиббии суғуртабанди, ки суғуртакунандаҳо бо суғурташавандаҳо имзо шуда; дар сатри 231 (масъулияти шаҳрвандии соҳисобии нақлиёт); дар сатри 232 дигар намудҳои суғуртабандии ҳатми оварда мешаванд.

**Фасли 4. Амалиёти аз нав суғуртабандӣ.**

31. Дар сутуни 3 маблағи умумии маълумотҳо аз рӯи қарордодҳои аз нав суғуртакуни нишон дода мешавад, аз он ҷумла дар сутунҳои 4 ва 5 маълумотҳо аз рӯи амалиётҳои аз нав суғуртакуни мувофиқи қарордодҳои имзо шуда бо ташкилотҳои суғуртавӣ – ғайринамояндагиҳои умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон – мутобиқан мамлакатҳои ИДМ (сутуни 4) ба мамлакатҳои ғайри ИДМ ва роитика (сутуни 5) худо карда мешаванд.

32. Дар сатри 300 маблағи ҳисоб карда шуда дар давраи хисобот подоши аз нав суғуртакуни оид ба иқдомҳое, ки барои аз нав суғуртакуни қабул карда шудаанд, нишон дода мешавад.

33. Дар сатри 301 маблағи ҳисоб кардашуда дар давраи ҳисобот подоши аз нав суғуртакуни аз рӯи иқдомхои аз нав суғуртакуни дода шудаанд, аз он чумла, дар сатри 302 – бе назардошти маълумотҳои қарордодҳо барои ретросияҳои (руҷуъ – гузошта) дода шудаанд, инъикос карда мешаванд.

34. Дар сатри 303 пардохтҳои суғуртавӣ зарарҳои пардохтшуда аз рӯи иқдомҳое, ки дар худ маблағи ҳисоб карда шудаи ҳиссаи зарарҳоро аз рӯи қарордодҳо тачассум менамоянду барои аз нав суғуртакуни қабул карда шудаанд, нишон дода мешаванд.

35. Дар сатри 304 маблағи ҳисоб кардашудаи ҳиссаи зарарҳо аз рӯи қарордодҳо барои нав суғуртакуни додашуда нишон дода мешавад.

**Фасли 5. Нишондиҳандаҳои ҷудогонаи даромадҳо ва хароҷотҳо ташкилотҳои суғуртавӣ.**

36. Дар сатри 400 ҳаммаи даромадҳои пардохтҳои суғуртавӣ (сатри 401); баргардонидани пасандозҳои захиравии суғуртавӣ (сатри 402); даромадҳо аз маблағгузории пасандозҳои суғуртавии (сатри 403); дигар даромадҳо – аз ҷумла аз фаъолияти суғуртавӣ (сатри 404) нишон дода мешавад. Маълумотҳои сатри 400 ба маблағи маълумотҳои сатрҳои аз 401 то 404 баробаранд.

37. Дар сатри 405 ҳаммаи хароҷот нишон дода мешавад, маълумотҳои ин сатр ба маблағи маълумотҳои сатрҳои аз 406 то 40 ва 421 баробаранд. Аз маблағи умумии хароҷот аз он ҷумла пардохти пасгардонидани суғуртавӣ ба маблағи суғурта (сатри 406); барои захираҳо эҳтиёти худ кардани пул (сатри 407); пардохтҳои суғуртавӣ (подоштҳо) – е ки барои аз нав суғуртакуни дода шудаанд (сатри 408); пулгузаронии ба захираи эҳтиёти аз пардохтҳои суғуртавӣ аз рӯи намудҳои суғурта, ки барои маблағгузории корхонаҳо оид ба огоҳонидани ҳодисаҳои ногаҳони пешбини шудаанд, талафот ё вайрон зарардидани амволи суғурташуда (сатри 409) нишон дода мешавад.

38. Дар сатри 410 харочоти ташкилотҳои суғуртавӣ, ки барои гузаронидани амалиётҳои суғуртакуни, тартиб дода қарордодҳои суғуртавӣ ва аз нав суғуртакуни идораи, ташкилотҳои суғурта, ҳамчунин дигар шаклҳои хароҷоти вобаста ба

амалиёти суғуртакуни ва аз нав суғуртакуни, ки ба арзиши аслии хизматҳои суғуртакуни ҳамроҳ карда мешаванд, нишон дода мешаванд. Аз маблағи хароҷот барои пеш бурдани кор (аз ҷумла хароҷоти идоравӣ) дар сатри 411 хароҷоти пардохти музди меҳнат худо карда мешаванд; дар сатри 412 хароҷот барои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ; дар сатри 413 маблағи фарсудашавии воситаҳои асоси ва андозҳо; дар сатри 414 хароҷоти қаламу дафтари хатнависии идора ва хароҷоти хоҷагии корхонаҳо; дар сатри 415 хароҷоти сафарҳои хизмати ва аз вай дар сатри 416 хароҷоти шабонарезие, ки ба кормандон пардохта мешаванд; ба сафари хизмати фиристода шудаанд дар сатри 417 хароҷи амали; дар сатри 418 дигар хароҷоти пешбурдани корҳо нишон дода мешаванд. Маълумотҳои сатри 410 ба маблағи маълумотҳои сатри аз 411 то 418 тарҳи сатри 416 баробаранд.

39. Дар сатри 419 дигар харохот - аз он хумла оид ба фаъолияти суиуртакуни оварда мешаванд. Маблаiи сатри мазкур аз 405 {осил мешавад.

40. Дар сатри 420 натиҷаҳои молиявии гирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи ҳисобот мутобиқан фоида ва ё зарари (-) тарози (баланси), ки бо назардошти фоида ё зарар аз фаъолияти маъмурии бо назардошти дар натиҷаи таъсири оқибати хусусиятҳои фавқулодаи фаъолияти хоҷагидорӣ (ҳодисаҳои табий, сухтор, садамавӣ, миллигардони ва ғайраҳо) ташаккул меёбад, нишон дода мешавад.

Маълумотҳои сатри 420 ба фарқияти сатри 400 ва 405 баробаранд.

41. Дар сатри 421 пардохтҳо ба буҷет, маблағи суғуртавшавӣ пардохтани корхонаҳо нишон дода мешавад, дар сатри 422 чи қадар аз онҳо барои фондҳои махсус (фонди андухт, истеъмолот, мақсадҳои хайрия); дар сатри 423 дигар мақсадҳо нишон дода мешавад.

42. Дар сатри 422 маълумот дар бораи маблағи умумии қарздории дебиторӣ то охири давраи ҳисобот нишон дода мешавад, аз он ҷумла дар сатри 425 маълумотҳо дар бораи қарздории мӯҳлаташ гузошта худо карда мешавад. Маълумотҳои 425 бояд ба маълумоти сатри 424 кам ё баробар бошанд.

43. Дар сатри 426 маълумотҳо дар бораи маблағи умумии қарздории кредитори то охири давраи ҳисобот нишон дода мешаванд; аз он ҷумла дар сатри 427 маълумотҳо дар бораи қарздории муҳлаташ гузошта худо карда мешавад. Маълумоҳои сатри 427 бояд ба маълумотҳои сатри 426 кам ё баробар бошанд.